# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзӯи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ иешииҳод шудааст**

Дар забоншиносии имрӯза фразеология ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми он мавқеи хоса пайдо кардааст. Аз солҳои 50-уми қарни гузашта сар карда масоили гуногуни фразеологизмҳо диққати тадқиқотчиёнро ба худ кашида, бисёре аз паҳлуҳои норавшани он ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Бо вуҷуди ин дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳо ба таври бояду шояд пурра ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Маҳз ҳамин паҳлуи масъала диққати диссертантро ба худ ҷалб намудааст ва ӯ ба омӯзиши сохтору маънои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб даст задааст. Омӯзиши ҳаматарафа ва монографии имконияти аз рӯи қолабҳои муйян сохта шудани воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун объекти кори диссертатсионӣ мувофиқи талаботи забоншиносии имрӯзаи тоҷик мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияи Одинаев С.П. «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони муосири тоҷик» хеле актуалӣ буда, ба мавзӯи мазкур даст задани вай шоёни таҳсин ва қобили дастгирист.

Аз мундариҷаи автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби аввал «Нишонаҳои лингвистии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ» аз ду фасл иборат буда, дар фасли аввали он нишонаҳои асосӣ, нишонаҳои махсус ё идоматикии воҳидҳои фразеологӣ, мақоми нишонаҳои сохторӣ дар таснифи гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар фасли дигари боби мазкур гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва мавқеи қолабҳои фразеологӣ дар байни онҳо ба доираи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант воҳидҳои фразеологиро ба ҷумла ва ибораҳои фразеологӣ гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро аз рӯи хусусиятҳои гуногуни сарфию наҳвиашон ба риштаи таҳлил кашидааст. Зимни таҳлили воҳидҳои фразеологӣ ва қолабҳои шаклгирии онҳо диссертант аз мисолҳои фаровони адибони тоҷик истифода бурдааст.

Боби дуюми рисола ба баёни хусусиятҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бахшида шудааст. Зимни баррасӣ муаллифи диссертатсия фразеологизмҳои ҳамқолабро бо категорияи дигари фразеологӣ – гунаҳо ё худ вариантҳои фразеологӣ муқоиса карда, умумият ва фарқияти онҳоро нишон медиҳад. Ҳангоми таҳлил маълум мешавад, ки дар таркиби воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб мавҷуд будани ҷузъҳои асосӣ ва тағйирёбанда ё ивазшаванда яке аз шартҳои муҳимми пайдоиши онҳо мебошад. Маҳз ҷузъҳои тағйирёбанда дар муайян намудани маънои умумии воҳиди фразеологӣ нақши муҳим

доранд. Дар гунаҳои фразеологӣ чунин хусусият камтар ба назар мерасад, зеро маънои умумии фразеологизм на аз ҷузъҳои алоҳида, балки аз ҷамъи ҳамаи маънои ҷузъҳои таркиби воҳиди фразеологӣ бармеояд.

Дар боби сеюми кор монандӣ ва фарқияти воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз муродифот ва мутазодоти фразеологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифи диссертарсия бо далелҳои эътимодноки илмӣ ва истинод аз асарҳои адибони тоҷик умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи ин категорияҳои фразеологиро собит намудааст.

Албатта, ҳар як таҳқиқоти илмӣ ва баёни он аз камбудиҳо орӣ буда наметавонад. Баъзан ғалатҳои гуногуни грамматикию техникӣ ва услубӣ дар ҷо-ҷойи автореферат роҳ ёфтаанд. Бешубҳа, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусну қубҳ ва аҳамияти илмии кори анҷомдодаи диссертантро кам карда наметавонанд ва ислоҳшавандаанд.

Кори диссертатсионии Одинаев Саидаҳмад Полвонович «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ мебошад ва дар ҳаллу фасли масъалаи нисбатан мубраму гуногунҷабҳаи фразеологияи тоҷик – сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ саҳми боризе дорад ва муаллифи он пурра барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи забони тоҷикии**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илми филология:** **Саидов Ҷаббор Зубайдович**

**Имзои Ҷ. Саидовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав:** **Амиршоев А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**